# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи номзадии Зоирзода Холмурод Сафаралӣ дар мавзуи «Баррасии маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ (дар асоси маводи «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи Муҳсинӣ» ва «Рисолаи ҳотамия»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ.–Душанбе, 2025. – 175 с.**

Мувофиқи сарчашмаҳои хаттӣ ва маълумоти ғании онҳо забони арабӣ дар рушду камоли забони тоҷикӣ мақоме дорад, ки таҳқиқу баррасии мавқеи он забоншиносии тоҷикро пурарзиш менамояд. Гарчанде хазинаи забони тоҷикӣ қабатҳои гуногуни луғавиро фаро гирифта бошад ҳам, он аз вомвожаҳо орӣ набуда, қабате аз онро вожаҳои забонҳои дигар, аз ҷумла, иқтибосоти арабӣ ташкил медиҳанд. Агарчанде омӯзишу пажуҳиши ин масъала дар забоншиносии тоҷик доман паҳн намуда бошад ҳам, то имрӯз баъзе паҳлуҳои он ниёз ба таҳқиқоти амиқ доранд, зеро ҷойгоҳи вомвожаҳои арабӣ дар осори шоирону адибони асрҳои гузашта ба пуррагӣ омӯхта нашуда, осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ низ ба ҳамин гурӯҳ дохил мешуд, ки дар диссертатсияи мазкур ҷиҳати маъноӣ ва сохтории ин қабати луғавӣ баррасӣ ва таҳлил гардидааст.

Диссертатсияи Зоирзода Холмурод Сафаралӣ таҳти унвони «Баррасии маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ (дар асоси маводи «Футувватномаи султонӣ»,«Ахлоқи Муҳсинӣ» ва «Рисолаи ҳотамия»)» омода гардида, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01–Забони тоҷикӣ **мувофиқат мекунад.**

**Аҳаммияти мавзуи таҳқиқ.** Гарчанде хусусияти луғавӣ ва маъноии «Футувватномаи султонӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифиро Саъдуллозода У. мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода бошад ҳам, то ин дам осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ (дар асоси маводи «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи муҳсинӣ» ва «Рисолаи ҳотамия») ба таври алоҳидагӣ таҳлилу

баррасӣ нашуда буд. Бинобар ин сабаб, Зоирзода Холмурод Сафаралӣ мавзуи диссертатсияи худро вобаста ба осори насрии Кошифӣ интихоб намуда, “Футувватномаи султонӣ”, “Ахлоқи муҳсинӣ” ва “Рисолаи ҳотамия”-и ӯро мавриди пажуҳиш қарор дода, бештар диққати худро ба масъалаи ба забони тоҷикӣ ворид шудани вожаҳои арабӣ ва муайян намудани хусусияти маъноиву сохтории онҳо равона намудааст, ки **мубрамияти мавзуи** таҳқиқи мазкурро ташкил медиҳад.

**Мубрамии мавзуи пажуҳишии мавриди** назар боз бар он асос меёбад, осори адабии охири қарнҳои XV ва ибтидои асри XVI дар инкишофи забони тоҷикӣ мақому манзалати хосеро дорад ва ин давра як навъ гузариш ба марҳилаи нави забони адабии тоҷики ҳавзаи Мовароуннаҳр маҳсуб меёбад ва то кунун роҷеъ ба забони осори адибони ин давра ҳарчанд чандин кори таҳқиқотӣ ба анҷом расида бошад ҳам, забони осори мансури Ҳусайн Воизи Кошифӣ, ба таври алоҳидагӣ омӯхтаву таҳқиқ нагардидааст. Манзури муҳаққиқону донишмандон намудану ба ҳимоя пешниҳод гардидани диссертатсияи номзадии Зоирзода Холмурод Сафаралӣ дар мавзуи «Баррасии маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ (дар асоси маводи «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи Муҳсинӣ» ва «Рисолаи ҳотамия»)» андешаҳои болоро собит менамояд.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир меёбад, ки вожагони аз забони арабӣ вомгирифта бори нахуст дар доираи осори Кошифӣ ба таври алоҳида мавриди таҳқиқ қарор гирифта шуда, ҳам хусусияти маъноӣ ва ҳам сохтории онҳо баррасӣ шудаанд. Диссертант дар баробари ҷамъоварии вомвожаҳои арабӣ онҳоро вобаста ба роҳу равиши шаклгириашон гурӯҳбандӣ намудааст. Вобаста ба он қолабҳои калимасозии арабие, ки дар осори мавриди таҳқиқ ба кор рафтаанд, мисолҳои фаровон овардааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар диссертатсия дар шаш банд оварда шудаанд, ки инҳо мусоидат намудани мавзъуъ барои таҳлилу баррасии вомвожаҳои арабию ғайриарабӣ, ҷамъоварию таснифот ва

гурӯҳбандии калимаҳои арабию ғайриарабӣ, нишон додани сабабҳои воридшавии вожаҳои иқтибосӣ, таҳқиқи вожаҳои арабӣ, нишон додани қолабҳои калимасозии арабӣ ва муайян намудани манбаъҳои ташаккулу таҳаввули вомвожаҳои арабӣ мебошанд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешавад, ки диссертант дар таҳқиқи илмии ба сомон расонидаи худ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии забоншиносони ҳам ватанию ҳам хориҷӣ истифода намудааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқии маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулосаи диссертатсияи Зоирзода Холмурод Сафаралӣ фарогири бардоштҳои асоситарину муҳими илмии муаллиф мебошад, ки дар 15 банд оварда шудаанд. Бахши тавсияҳо бошад, дар диссертатсия аз 5 банд иборат аст, муҳиммияти мавзуъ ва корбурди натиҷаҳои онҳо дар раванди таълиму таҳқиқ оварда шуда, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки дар асоси матни мансури Ҳусайн Воизи Кошифӣ омода ва таҳия гардидааст ва аз он вожаҳои махсус эҷоднамудаи адибро дар фарҳангномаҳо чун мавод истифода намудан мумкин аст. Инчунин маводи диссертатсияро барои гузаронидани дарсҳои курсу семинари махсус аз таърихи забони адабии тоҷикӣ, истифода кардан мувофиқи мақсаду матлаб хоҳад буд. Ба ҷуз ин натиҷаҳои ба дастовардаи ин диссертатсияи илмӣ барои тартибу тадвини луғати соҳавии марбут ба вожашиносии таърихӣ, таърихи забони адабии тоҷик дар асрҳои XV-XVI истифода бурдан мумкин аст. Хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқро метавон дар рисолаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ ва ғайра ба кор бурд.

Натиҷаҳои амалии бадастомада дар таҳияи номномаҳо, фарҳангу луғатномаҳои номшиносӣ, фарҳангномаҳои соҳавӣ, таҳия ва коркарди дастурҳои таълимию китобҳои дарсии мансуб ба таърихи забон, хондани

курсу семинари махсус ва ҳамоишҳои илмӣ оид ба масъалаҳои номшиносӣ дар гурӯҳи ихтисосҳои равияҳои гуманитарӣ, махсусан, ихтисосҳои филологӣ, ҷуғрофия, сотсиология, таърих, фарҳангшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат хоҳанд кард.

Довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну муҳтаво ва нуктаҳои асосии диссертатсияро дар 9 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд. **Маводи батабърасида** муҳминтарин паҳлуҳо ва мазмуни асосии диссертатсиро инъикос намуда, саҳми шахсии диссертантро собит менамояд.

Диссертатсияи Зоирзода Холмурод Сафаралӣ аз муқаддима, 3 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, вобаста ба фарогирии мавзуъ, дар навбати худ, ҳар боб ба фаслҳо ҷудо карда шудааст, ки дар маҷмуъ 15 фасл ва ҳаҷми умумии диссертатсия 175 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад. Дар диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳу возеҳ нишон додани сарчашмаҳо, муҳокимаю баҳси боманфиат ва аз нигоҳи илмӣ мукаммал, натиҷагирӣ ва хулосаҳои ҷолиби диққат ба назар расида, он тибқи талаботи мавҷуда масъалаҳои мубрами мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқ шудани он, вазифаҳои таҳқиқ, асосҳои назариявию методологии таҳқиқ, навгониҳо, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқ ва ғайраро дар бар гирифтааст.

Муқаддимаи диссертатсия фарогири маълумоти муқаддимотӣ бо назардошти талаботи ҷорӣ, ки аз бандҳои мубраммии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, робитаи таҳқиқ бо барномаҳою мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объект ва усули таҳқиқ, маводи истифодашуда дар диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии таҳқиқ, асосҳои назарии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ

дар таҳқиқ ва сохтори диссертатсия таркиб ёфтааст, мувофиқи талабот, пурмазмун ва фарогир таълиф гардидааст.

**Боби якуми** диссертатсия **«Вомвожаҳои арабии осори насрии Кошифӣ ва вижагиҳои забонии онҳо»** унвон гирифтааст, ки се фаслро дар бар мегирад. Дар фасли якум диссертант оид ба масъалаҳои назарии вомвожаҳои арабӣ маълумот медиҳад, вобаста ба сарчашмаҳои такянамудаи худ сабабҳои иқтибосшавии калимаҳои иқтибосиро аз як забон ба забони дигарро номбар менамояд. Дар пайравии ин номбурда андешаҳо масъалаи иқтибосшавии вожаҳои арабиро низ баррасӣ менамояд. Фасли дуюм "Вомвожаҳои арабӣ" ном дорад ва ба масъалаи асосии мавзуи таҳқиқ бахшида шуда, ба се зерфаслҳо ҷудо мешавад, ки масъалаи матраҳшудаи онҳо қолабҳои калимасозӣ, вожаҳои арабии мансуб ба исму зарф мебошанд. Диссертант ҳамчунин вомвожаҳои ғайриарабиро дар фасли дуюм баррасӣ менамояд.

**Боби дуюми** диссертатсия «**Вижагиҳои луғавии вомвожаҳои арабии осори насрии адиб»** унвон дошта, дар доираи шаш фасл таҳлил мегардад. Фасли аввал **«Вомвожаҳои муродифӣ»** номгузорӣ шудааст, ки муаллиф бо овардани баъзе ҷанбаҳои назарии муродифот ба таҳлилу баррасии бевоситаи муродифоти осори насрии Кошифӣ шуруъ намуда, онҳоро ба панҷ гурӯҳ тақсим кардааст. Дар ҳамин қисмат зерфасле бо номи "Вомвожаҳои муродифоти ҷуфти арабӣ" матраҳ мегардад, ки корбасти муродифоти ҷуфтистеъмолро дар забони асарҳои насрӣ муайян менамояд.

Фасли дуюм ба масъалаи зидмаъноии вожаҳои арабӣ рабт дошта, "**Вомвожаҳои арабии мутазод**" унвон гирифтааст ва дар он вомвожаҳои мутазоди луғавӣ, мутазодҳои ҷуфтистеъмол, мутазодҳои матнӣ ва ҷумлаҳои мутазодӣ, ки Кошифӣ дар осори насрӣ ба кор бурдааст, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар фаслҳои сеюму чорум ҳамгуншавии мутазодҳо ва сермаъноӣ дар миёни мутазодҳои осори Кошифӣ пажуҳиш ва муайян гардидаанд.

Дар нигоришоти Кошифӣ инчунин мутазодоте ба кор рафтаанд, ки ба вожагони соҳавӣ мансубанд. Аз ин рӯ, диссертант дар доираи як фасл таҳти унвони “**Вомвожаҳои арабии мансуби истилоҳоти соҳавӣ**” ин қабил вожаҳоро ҷамъоварӣ ва баррасӣ намудааст, ки ба 17 навъ ҷудо шудаанд. Фасли навбатӣ воҳидҳои фразеологиро таҳлил менамояд. Аз натиҷаҳои фасли мазкур таҳти унвони “Воҳидҳои фразеологии бо ҷузъи арабӣ дар осор” бармеояд, ки дар ин қисмат диққати муаллифро фразеологизмҳое ба худ ҷалб намудаанд, ки дар таркибашон вожаҳои арабӣ доранд. Мувофиқи маълумоти пешниҳоднамудаи диссертант маълум гардидааст, ки дар таркиби фразеологизмҳои осори Кошифӣ бештар вомвожаҳои арабии исмӣ ва феълӣ ба кор рафтаанд.

Боби **сеюми** диссертатсияи мавриди назар **“Вижагиҳои сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии адиб”** ном гирифтааст. Ин боб шаш фасли алоҳидаро дар бар гирифтааст. Диссертант он вомвожаҳое, ки дар осори мавриди таҳлил ба кор рафтаанд, аз нигоҳи сохт таҳлилу гурӯҳбандӣ менамояд. Фаслҳои ин боб **“Вомвожаҳои содаи арабӣ”, “Вомвожаҳои сохтаи арабӣ”, “Вомвожаҳои мураккаби арабӣ дар осори насрӣ”, “Вомвожаҳои таркибии арабӣ дар осор”, “Калимаҳои ҳамрешаи арабӣ дар осор”, “Мураккаботи вомвожаҳои арабӣ дар осор”** ном доранд.

Дар мавриди таҳлили вомвожаҳои содаи арабӣ қолаби калимасозие, ки Кошифӣ дар эҷодиёти насрии худ ба кор бурдааст, оварда шуда, мисолҳо низ вобаста ба ин қолабҳои мазкур гурӯҳбандӣ шудаанд. Зимни таҳлили вомвожаҳои сохта, нақши аффиксҳои калимасоз ишора гардида, вожаҳои арабии пешванду пасванддор таҳлилу баррасӣ шудаанд. Вомвожаҳои мураккаби арабӣ низ аз осори насрии Кошифӣ ҷамъоварӣ ва гурӯҳбандӣ шуда, ба арабӣ-тоҷикӣ, тоҷикӣ – арабӣ ва арабӣ – арабӣ дастабандӣ карда шудаанд.

Вобаста ба таҳлилу баррасии диссертатсия маълум гардид, ки дар таҳқиқоти мазкур вожаҳои таркибӣ низ аз назари диссертант дур намонда, мавқеи вожаҳои арабӣ дар ин унсурҳои забонӣ нишон дода шудаанд.

Хусусияти флективии забони арабиро ба инобат гирифта диссертант хусусияти ҳамрешагии вожаҳои арабиро мавриди пажуҳиш қарор дода, аз осори насрии Кошифӣ мисолҳои фаровон овардааст.

**Хулосаи диссертатсияи** Зоирзода Холмурод Сафаралӣ аз зеҳнияти касбии муҳаққикии ӯ дарак медиҳад. Дар хулоса натиҷаи таҳлилу таҳқиқ ба тариқи фишурда буда, натиҷагирии он 15 бандро дар бар мегирад. Феҳристи адабиёт фарогири номгӯйи адабиёти зарурии илмиест, ки миқдорашон ба 208 адад расидааст.

Ҳангоми мутолиа чанд вижагии муҳимми рисолаи илмӣ мушоҳида шуд, ки чанде аз онҳоро зикр менамоем:

1. Фаслу зерфаслҳои диссертатсия мазмуну муҳтаво, мақсаду вазифа ва ҳадафҳои унвонҷӯро пурра дар бар гирифтаанд.

2. Масъалаҳои баррасишудаи фаслу зерфаслҳои диссертатсия дорои аҳамияти баланди илмӣ буда, дар пояи маводи осори насрии Кошифӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

3. Муаллиф зимни баррасии мавзуъ ба осори таҳқиқотии устодони варзидаи илми ҳам ватанию ҳам хориҷӣ такя карда, аз онҳо иқтибосҳои мувофиқу муносибро дар диссертатсия овардааст, ки мавзуи матраҳшаванда ва андешаҳои муаллифро такмилу тақвият додааст.

4. Маводи осори насрии Кошифӣ баррасӣ шуда, вомвожаҳои арабӣ аз лиҳози хусусияти луғавӣ ва сохторашон таҳлил мешаванд, ки аҳаммияти баланди илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дошта, вижагиҳои луғавию сохтори калимаҳои иқтибосии арабӣ на танҳо дар осори Кошифӣ, балки дар забони давраи ҳаёти шоир – асри XV муайян гардидааст.

5. Ҳангоми шарҳу тавзеҳи таърихи баромади калимаҳо ба осори илмии муътамад такя карда мешавад ва таҳлилу баррасиҳо бештар вижагиҳои илмӣ дошта, хулосаҳои унвонҷӯ мантиқӣ мебошанд.

6. Дар баробари таҳлили вомвожаҳои арабии аз нигоҳи сохт ва мансубият ба категорияҳои луғавӣ гуногун, инчунин дар диссертатсия

фразеологизмҳое, ки дар таркибашон вожаҳои арабӣ доранд, мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

7. Маводи истифодашудаи илмӣ-назариявӣ ва маводи гирдовардаю баррасишуда аз осори насрии Кошифӣ аз маҳорати андешаи баён доштани муаллиф ва таҳлилҳои забонии муфидро ба роҳ монда тавонистани ӯ дарак медиҳад. Пас, умед аст, ки диссертант дар оянда корҳои илмии аз ин ҳам ҷиддитарро роҳандозӣ хоҳад намуд.

8. Бояд гуфт, ки дар забоншиносии тоҷик мавриди пажӯҳиш қарор додани мавзуи "Баррасии маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ" ва дар пояи маводи "Футувватномаи султонӣ", "Ахлоқи муҳсинӣ" ва "Рисолаи ҳотамия" чизи тоза маҳсуб меёбад.

Диссертатсия аз ҷониби диссертант бо шеваи нигориши хосса навишта шуда, он дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навовариҳои илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшуда, масъалагузориҳо, услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Дар диссертатсия дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои муаллиф баъзе норасоиҳо низ ба назар расиданд, ки барои пешрафти корҳои таҳқиқии минбаъдаи Зоирзода Х.С. зикри онҳоро зарур донистем:

1. Дар диссертатсия такрор омадани андеша ва иқтибос (саҳ. 8, 17) ва маълумоти иловагии номувофиқ, дар мисоли истилоҳи **иқтибос**, вожаи **кофтуков** (саҳ. 24, 105) мушоҳида гардиданд.

2. Зимни дар қавс ишора шудани сарчашмаҳо унификатсия риоя нагардидааст (саҳ. 12, 20, 22, 85).

3. Саҳифаҳои 35 ва 93 ба шарҳи пурратари вожаҳои **илтиҳоб**, ***золим*** ва ***одил*** ниёз дошта, дар саҳифаҳои 109, 110, 111 баёни андеша ва таҳлилу натиҷагириҳои диссертант нисбатан маҳдудтар мебошанд.

4. Дар саҳифаҳои 121 ва 126 аз ҷониби муаллиф мисолҳо саҳван зикр шудаанд, аз қабили **дар вазни инфиъол** (вожаи **истеҳқоқ)** ва дар вазни

**мутафаъъил** (вожаи **муаллим**) ё худ решаи вожаҳои сохтаи арабӣ қайд шудани калимаҳои ***фирӯз, кофтуков, шӯр,*** **ниёз** ва **шарм**.

5. Дар фаслҳои сеюм ва чоруми боби сеюм масъалаи сохтори вожаҳои арабӣ матраҳ шудааст, ки таҳлили баъзе калимаҳои мураккаб низоми муайянро талаб менамояд, инчунин дар овардани мисолҳо оид ба вом-вожаҳои арабии таркибӣ номувофиқатии мисолҳо мушоҳида гардид (саҳ. 135,136,139,140).

6. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия (6,19,30,...) ғалатҳои имлоиву техикӣ ва ҷо-ҷо услубӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо ҳатмӣ ва ба фоидаи кор аст.

Эродҳое, ки зикри онҳоро ин ҷо зарур донистем, ислоҳпазир буда, ба инобат гирифтани онҳо ҳангоми таҳия ва нашри монография арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Зоирзода Холмурод Сафаралиро бештар хоҳад намуд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки диссертант доир ба мавзуи мавриди пажуҳиш ба табъ расонидааст, мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро пурра фаро гирифтааст. Кори диссертатсионии мазкур ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01. – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмии кори диссертатсионӣ ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ ва ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Зоирзода Холмурод Сафаралӣ дар мавзуи «Баррасии маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ (дар асоси маводи «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи Муҳсинӣ» ва «Рисолаи ҳотамия»)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ:**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забоншиносӣ
ва рӯзноманигории факултети
филология ва рӯзноманигории
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Усмонова М.Х.

**Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Ҳисорӣ 19/ 2, ҳуҷраи 54
Тел.: (+992) 918-68-83-85
E-mail:munavvarakhalikovna@mail.ru

**Имзои номзади илмҳои филологӣ, дотсент**
**Усмонова Мунаввара Холиқовнаро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷиии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б. Ғ.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ул. Муҳаммадиева, 17/6
Тамос: (+992) 555-57-91-19
E-mail: munavvarakhalikovna@mail.ru
Сомона:rektorat. dbzkht.tj@mail.ru
«11»-уми марти соли 2025